Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

## ТАҚРИЗИ

ба автореферати диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо:масоили назариявӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи ичрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022. – 30 саҳ).

Масоили таъини ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Мавзуи дар маркази таҳқиқоти диссертатсионии Аминзода Зокирҷон Тоҳир қарор гирифта хеле мубрам ба ҳисоб рафта, он ҷавобгӯи шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Масъалаи мазкур дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таваҷҷуҳи олимони зиёдро ҳамеша ба худ ҷалб сохтааст, аммо дараҷаи омӯзишу таҳлили он то имрӯз нокифоя ба назар мерасад.

То ҳол дар мавриди муайян намудани вақти содиршавии ҷиноят то баровардани ҳукми судӣ ва баъди он, ки ба таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо аҳамияти муҳим доранд, андешаҳои ягона ҷой надоранд.

Дар қонун тартиби мушаххаси қисман зам намудани ҷазо муайян нашудааст, ки ин ба судҳо имкон медиҳад, қисми ҷазоҳои таъиншударо бо салоҳдиди худ зам намоянд, ки дар натиҷа ҷазои боқимондаи барои ҷиноятҳои алоҳидаи ба маҷмӯъ дохилшаванда сарфи назар мегардад.

Ҳолатҳои мазкур зарурати омӯзиш ва таҳлили минбаъдаи масоили таъини ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо, коркарди таклифу пешниҳодҳои асоснокро доир ба мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ва амалияи татбиқи онҳо дар ин самт тақозо менамояд.

Новобаста аз ин, масоили таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳснок боқӣ хоҳад монд. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Аминзода З.Т. барои мукаммал гардонидани назария ва амалияи илми ҳуқуқшиносӣ ва такмил додани қонунгузорӣ дар ин самт мусоидат менамояд.

Рисоланавис дуруст қайд менамояд, ки “Баъзе судҳо барои маҷмуи ҷиноятҳо ҷазо таъин намуда, хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҳар як

ҷинояти содиршуда, инчунин шахсияти гунаҳгор ва дигар ҳолатҳои корро ҳаматарафа ба назар намегиранд. Дар ин маврид ҳолатҳое ҷой доранд, ки ба ҷойи пурра ё қисман зам намудани ҷазоҳои барои ҳар як ҷинояти алоҳида таъиншуда, бе асосноккунии ҳамаҷониба, ҷазои ниҳоӣ бо дарназардошти ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар, таъин карда мешавад (саҳ. 5).

Бояд зикр намуд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои умумиилмӣ ва махсуси даркнамоӣ, ба монанди таҳлили системавии меъёрҳо оид ба маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо, усулҳои мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ ва усулҳои оморӣ истифода шудаанд. Пешниҳодҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ ва раванди таълим дар соҳаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ғайра мавриди корбурд қарор гирад.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Доир ба автореферати диссертатсия эроди зеринро пешниҳод менамоем:

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки қисми 5 м. 68 КҶ ҶТ дар мазмуни зерин тағйир дода шавад: «Ҷазои ниҳоӣ аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо бояд ҳам аз ҷазои барои содир намудани ҷинояти нав таъиншуда ва ҳам аз қисми то охир адонашудаи ҷазо аз рӯйи ҳукми пештараи суд зиёдтар бошад, ба ғайр аз ҳолатҳои ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар» (саҳ. 12). Аз унвонҷӯ мехостам равшан намояд, ки ворид намуди тағйиру иловаҳои болозикр дар моддаи мавриди назар дар самти ҳуқуқтатбиқсозӣ чи гуна мушкилиҳоро рафъ месозад?

Аммо эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб мешавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр, дар маҷмӯъ хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи илмии омоданамудаи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ

шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
Декани факултети идоракунии давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодирзода Д.С.

Имзои Қодирзода Д.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.

«29» 03 соли 2023

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33; Тел.:+992 (37) 224-17-86; факс.:+992 (37) 224-17-86; сомона info@apa.tj